# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 06.06.2022 №06 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 17 нафар

РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаро роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П. кушода эълон намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос кард ва суханро ба унвонҷӯ Окимшоева Р.С. барои маърӯза оид ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониаш дод.

Окимшоева Р.С. оид ба мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзуъ, мундариҷаи мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия ва натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидааш мухтасар маърӯза кард ва ба саволҳои пешниҳодкардаи иштирокчиёни ҷаласа: д.и.п. Зиёзода Т., д.и.п. Гулмадов Ф., н.и.ф.Тоҳириён Ш., н.и.п. Котибова Ш., н.и.п. Қурбонов С. ҷавобҳои муфассал дод.

Сипас муқарризони холдиси диссертатсия: Ошимова М.М. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва номзади Котибова Ш.П. - илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мухтасар андешаву мулоҳизаҳои худро оид ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуда, дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва диссертатсияро барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия карданд.

Иштирокчиёни ҷаласа Хуррамзода Р., Лутфуллоева П., Давлатшоев И., Назиров Н. ва дигарон ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Окимшоева Р.С. баён сохта, диссертатсияро мусбат арзёбӣ карданд.

Баъд раиси ҷаласа Лутфуллоева П. андешаҳои ироанамудаи муқарризон иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст карда, аз ҷумла қайд кард, ки мавзӯи интихобнамудаи Окимшоева Рухсора Суробовна “Асосҳои

педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) хеле мавзӯи муҳим буда, айни замон омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба коркардҳои илмӣ-методӣ дар ин самт бешак ниёз доранд. Пешниҳод менамоям, ки диссертатсия барои ташхиси давраи сеюм ба шӯрои диссертасионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи дигар иштирокчиён

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори мустақилона баанҷомрасида ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллоева П.

**Муқарризон:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Ошимова М.М.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва
ибтидоии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ Котибова Ш.П.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
котиби семинари илмӣ- методии
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Ҷонмаҳмадова Г.

Имзои П. Лутфуллоева, М.М. Ошимова, Ш.П. Котибова ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон Ҳакимова Х.